

# ЛАФЗИ ШИРИН

Л-29

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ХАЛҚИ РСС ТОҶИКИСТОН
ҚАБИНЕТИ МЕТОДИИ РЕСПУБЛИКАВӢ

Ба ёрии мураббияҳои боғчаи бачагона

# ЛАФЗИ ШИРИН

(шеърҳо барои кӯдакони синни томактабӣ)

*Тартибдиҳанда*
*С. Раҳмонов*

Нашриёти «Ирфон», Душанбе—1974

Республиканская детская библиотека
11702.
XP

## БА ҶОИ МУҚАДДИМА

Шеър ва шеъразёдкунӣ дар инкишофи нутқи кӯдакон роли муҳим мебозад. Бачаҳо шеърҳоро бо шавқу ҳаваси калон гӯш мекунанд ва аз ёд менамоянд.

Шеър агар аз як тараф, нутқ ва тафаккури кӯдаконро инкишоф диҳад, аз тарафи дигар, ҳисси эстетикии онҳоро бедор менамояд.

Барои кӯдакони синну соли томактабӣ шеърҳои зиёде эҷод карда шудаанд. Аммо онҳо дар шакли пароканда мебошанд. Дар маҷмуа мақсад гузошта шудааст, ки то андозае кори мураббиён дар интихоби шеърҳои бачагона осон карда шавад.

Дар маҷмӯа шеърҳое гирд оварда шудаанд, ки аксари онҳо ба васфи Ватан, падару модар, бобою модаркалон, фаслҳои сол, зебоиии табиат, меҳнати диловаронаи одамони советӣ эҷод карда шудаанд.

Мураббиён ҳангоми омӯзондани шеърҳо ба бачагон бояд ғояи онҳоро махсус қайд намуда, нисбат ба объектҳои тасвиршуда меҳру муҳаббати кӯдаконро пайдо кунонанд.

Аз тартибдиҳанда.

# ВАТАНИ МАҲБУБ
# ВА ТАБИАТИ ОН

*М. МИРШАКАР.*

## Ватанам СССР.

Ман калон мешавам,
Қаҳрамон мешавам,
Бар диёри худам
Посбон мешавам.

*Нақарот*

Ватанам СССР,
Гулшанам СССР.

Гул барин дар чаман
Гул кунад бахти ман,
Доимо дар дилам
Маҳкам аст ин сухан.

*Нақарот*

Ватанам СССР,
Гулшанам СССР.

*М. МИРШАКАР.*

## Ватан

Ватан аз дилҳо
Мебарорад ғам.
Ватан одамро
Мекунад одам.
Болу пари кас
Ватан мебошад.
Бахтовари кас
Ватан мебошад.
Ту бахтиёрӣ,
Эй насли озод!
Ту Ватан дорӣ,
Зебову обод!
Бигрифтааст ӯ
Туро дар оғӯш,
Аммо накун ту
Ҳаргиз фаромӯш.
Фарзанди ҷон бош
Бар ватани хеш,
Ҳам посбон бош
Бар Ватани хеш!

*М. МИРШАКАР.*

## Ҷон Тоҷикистон

I.

Ҷон Тоҷикистон,
Фарзандат ҳастем.
Дар хизмати ту
Қамар бубастем.

II.

Дар ҳавои ту
Дили мо шод аст.
Туро ба моён
Партия додаст.

III.

Дар васфаш имрӯз
Суруд хонем,
Аз вай миннатдор
Хурду калонем.

*М. МИРШАКАР.*

## Зимистон

Ин духтаракро бингаред,
Дар тан либоси сап-сафед,
Меҳмон ба назди мо шудаст,
Шодӣ кунед, шодӣ кунед!
Номаш зимистон, бачаҳо,
Дар пешвози ӯ равед,
Гӯед:
— Меҳмон, марҳамат!
Хуш омадед! Хуш омадед!

## Киштичаи ман

Қиштичаи хушрӯяк
Овард ба ман Мирамак,

Мешавам ман капитан,
Дар дарьёҳои Ватан.

Шино карда мегардам,
Наметарсам аз душман!

*М. МИРШАКАР.*

## Гули лола

I.

Дар дашту кӯҳсори мо
Руидаву бишкуфтааст,
Бо ҳусни худ саҳроро
Хушрӯйтар намудаст.

II.

Аз дур агар бинедаш,
Чун байрақча мерахшад,
Шинед агар дар пешаш,
Хурсандиҳо мебахшад.

III.

Медонед номи онро?
Номаш гули лола аст.
Чун байрақча, бачаҳо,
Мегиранд ӯро дар даст.

*Ҳ. МАВҶУДА.*

**Боғчаи мо**

Байни дарахтон,
Дар деҳаи мо,
Воқеъ гардида
Бинои зебо —

Ин боғчаи мо,
Ин боғчаи мо.

Қалону тоза
Терезаҳояш.
Дилкашу форам
Боду ҳавояш.

Роҳатрасон аст,
Роҳатрасон аст.

Аз барои мо
Бозича бисьёр:
«Хирсак»-у «мошин»,
«Асп»-у «трактор»,

Дар боғчаи мо,
Дар боғчаи мо.

Мо — бачагони
Хубу гапдаро,
Бозӣ мекунем
Ҳамроҳ доимо.

Мо меҳрубонем,
Мо меҳрубонем.

*И. МУҚАДДАС.*

## Баҳор

I.

Омад баҳори хуррам
Бар ин диёри аъзам.
Ҳар сӯи кишвари мо
Гардид сабзу зебо.

II.

Боди баҳори кӯҳсор
Роҳатфазост бисьёр.
З-он мулк пуртароват,
Дил мекунад ҳаловат.

*М. ДИЁРӢ.*

## Гулдаста

*Нақарот:*

Пахта-пахта, ҷон пахта,
Руйда чун гулдаста,
Дар чамани колхозҳо,
Кушода раста-раста.

1.

Саҳро мисли гулистон,
Монанди боғу бустон,
Пахтаҳо ҳар су хандон,
Хандон, хандон бишкуфта.

*Нақарот:*

2.

Пахта неву тиллост ин,
Роҳатбахши дилхост ин,
Ҳосилхезу зебост ин,
Ниҳолаш чун гул раста.

*Нақарот:*

3.

Колхозчӣ-пахтакорон
Ҳушнуду шоду хандон,
Баҳри иҷрои плон
Миёнро маҳкам баста.

*Нақарот:*

## Бойчечак

I.

Бойчечаку бойчечак,
Гули хушруи химчак.
Бойчечак омад луччак,
Тамошо кун келинчак.

*Нақарот:*

Бойчечак, бойчечак,
Буи баҳор бойчечак,
Бойчечак, бойчечак,
Муждаи кор бойчечак.

II.

Бойчечаки ҳисорӣ,
Танга-тилло ҷуворӣ,
Бойчечак калон шудаст,
Пешопеш равон шудаст.

III.

Эй холаи хонадор,
Ҳарчи меҳоҳӣ барор,
Таги остона гур-гур,
Хонаи мо ба нон пур.

*А. ҚОДИРӢ.*

**Шамол ва олу**

Шамоли баҳор омад
Давр гашта саҳроро,
Шӯхикунон даромад
Аз дари ҳавлии мо.

Ба вай ниҳоли олу
Таъзим намуда гуфто:
— Эй меҳмонаки хубрӯ,
Биё, биё, марҳабо!

Шамол гашта ба олу
Як лаҳзаяке меҳмон,
Ҳавлиро рӯфта доду
Пас, шуд ба роҳаш равон.

*Н. РОЗИҚ.*

**Гули қандак**

Гули қандак,
Гули қандак,
Гули хушрӯ,
Гули хушбӯ.

Ту, эй ору,
Марав ҳар сӯ.
Бишин андак
Сари қандак.

Барои мо
Аз он фардо
Намо тайёр
Асал бисьёр.

*М. ХАЙДАРШО.*

## Арчаи Анвар

Арчаи Анвар
Сарсабзу зебо,
Бар шохаҳояш
Пур бозичаҳо:

Ҳам шери ғуррон,
Ҳам оҳуи маст,
Дар байни онон
Харгӯшча ҳам ҳаст.

Наздаш нишастаст
Бобои барфин,
Пурсид аз Анвар
Бо лафзи ширин:

Чаро нишастаст
Аз ҳама боло,
Харгӯшчаи ту
Метарсад оё?

Анвар бигуфташ:
— Харгӯш далер аст,
Чунки вай акнун
Ҳамроҳи шер аст.

# ДӮСТОНИ МАН

2—1361

11702

*Р. Озод.*

## Дӯстони ман

I.

Эй ҷӯраҷон, зуд биё,
Равем ба хонаи мо.
Ба ту нишон медиҳам
Ман ғалатӣ тамошо.

II.

Дорам бузи нағмагар,
Бузичаи бозингар.
Албатта ҳайрон шавӣ,
Ту ӯро бинӣ агар.

III.

Дигар дорам майдакак
Мусичаи нағзакак.
Ба ӯ бахшида хонам
Ду-се мисраъ байтакак.

IV.

«Мусичаи бегуноҳ,
Рӯи сандалӣ баро.
Думатро қайчӣ кунам,
Нӯлатро мучӣ кунам».

*А. ДЕҲОТӢ.*

## Мурғаки шилшилапо

I.

Мурғаки шилшилапо,
Эҳ, ту чӣ хел хушнамо!
Тохта куҷо меравӣ,
Чӯҷаякот аз қафо?
«Чу-чу»-кунон медаванд,
Гушна магар чӯҷаҳо?
Арзану курмак диҳем,
Биё, биё, пеши мо!

Ту-ту-ту-ту, биҳ, биҳ, биҳ!
Чу-чу-чу-чу, биҳ, биҳ, биҳ!

II.

Чӯҷаҳои хурдакак,
Хурдадаку тезгардак!
Куртаҳотон сап-сафед,
Нӯлчаҳотон зардакак,
Почаҳотон топ-тоза,
Белою бегардакак.
Дона хӯреду шавед
Фарбеҳу бедардакак!

Ту-ту-ту-ту, биҳ, биҳ, биҳ!
Чу-чу-чу-чу, биҳ, биҳ, биҳ!

*Б. РАҲИМЗОДА.*

## Духтарак ва падараш

Олуча, гули бодом,
Ман духтараки додом.
Додом шишта чой хуранд.
Ман — чойрезаки додом.

Додом раванд ба Маскав,
Биёранд куртаи нав.
Пӯшида мактаб равам,
Лӯхтакҷонам, ту бишнав.

Тӯппӣ дӯзам ба додом,
Гулҳояш гули бодом,
Пӯшида хурсанд шаванд,
Ҳастам дастьёри додом!

*А. ШУКУҲӢ.*

**Мурғобии ман**

Мурғобии ман
Чӯҷа баровард,
Чӯҷаи худ бар
Кӯча баровард.

Чӯҷаҳо суи
Ҷӯча давиданд,
Бар он тарафи
Кӯча давиданд.

Мурғобии ман
Аз қафо давид,
Вай ғa-ғакунон
То ҷӯча расид.

Чӯҷаҳо дар об
Бозӣ мекунанд,
Очаи худро
Розӣ мекунанд.

Мурғи курк ба ин
Қуд-қуд мекунад,
Лаққиҳо барин
Ғуд-ғуд мекунад.

## Рост мегӯям

Гумон набаред,
Ки ман хурд ҳастам,
Ана, мебинед
Ҷорӯб дар дастам.
Бо ин ҷорӯбам
Хона мерӯбам.
Дар даст кӯзача
Давам бошитоб
Ба сӯи чашма
Аз барои об.
Ширин аст обаш,
Қандин аст обаш.
Нахандед Шумо,
Ман рост мегӯям:
Дегу табақро
Худам мешӯям.
Бовар накунед,
Аз очам пурсед.
Бояд дар хона
Ёрӣ расонам,
Мисли дугонам,
Ба очаҷонам.
Вай пахтакор аст,
Қораш бисьёр аст.

*М. МИРШАКАР.*

## Лочин

Ман лочинам, ман лочин,
Ман қаҳрамони матин.
Хурдам, лекин дар ҳар кор
Сахтам, номам ҳам Сангин.

Аэропланча дорам,
Бар болояш саворам.
Парвоз кунам дар ҳаво,
Тарсе асло надорам.

## Завракчаи мо

Ману акаам
Завракча сохтем,
Аз қоғази сурх
Байракча сохтем.

Байракчаро бар
Завракча мондем.
Завракчаро бар
Табақча мондем.

Табақчаро пас
Гирифта бар даст,
Рафтем ба ҷӯи
Обаш каму паст.

Табақчаро мо
Бар об мондем.
Аз шодӣ ду кас
Ашула хондем.

Завракчаи мо
Шино менамуд,
Байракчаи он
Ҷило менамуд.

Аммо табақча
Гум шуд тамоман.
Акнун чӣ созам,
Гуед бар ман?

*А. Шукӯҳӣ.*

**Бибиҷони ман**

Бибиҷони ман,
Меҳрубони ман,
Дилам ташна монд,
Сонӣ гушна монд,
Ба дег алав кун,
Оши палав кун.

Дастама шуста,
Як ҷо нишаста,
Гирифта қошуқ
Накарда тӯқ-тӯқ,
Ман ош мехӯрам,
Ман ош мехӯрам.

Сонӣ рафта боз
Бечангу ароз,
Бозӣ мекунам,
Бозӣ мекунам.

## Аз нӯги хамир фатир

I.

Ҳар бор очаам
Мекунад хамир,
Аз нӯги хамир
Мепазад фатир.

II.

Бар фатир агар
Ҷазза андозад,
Як ҷаҳон ба вай
Мазза андозад.

III.

Он дам намоям
Шикамамро сер.
То расад хамир,
Танҳо ба фатир....

*С. ГУЛЧЕҲРА.*

## Алла гӯяд модарам

Алла гӯяд модарам
Аз барои хоҳарам,
Мешавад беихтиёр
Чашмони ҳама хумор.
Аз аллааш хоб ояд,
Як хобаки боб ояд.

Алла гӯяд модарам,
Ҳамаро менигарам,
Асал дорад аллааш,
Шакар дорад аллааш.
Чун сар монӣ ба болин,
Меояд хоби ширин.

Аллаи модарамро
Ҳама медонад ин ҷо:
Ҳам бобоям медонад,
Ҳам момоям медонад,
Ҳам додому ҳам Гулнор,
Ҳам худам шабе сад бор
Бо чашми хумор-хумор
Мекунам беихтиёр
Аллаи ӯро такрор.

Аллаи модарамро
Ҳама мехонад ин ҷо:
Чӯяки дари хона,
Мурғаки сари лона,
Бо модарам баробар
Алла гӯяд то саҳар.

*С. ГУЛЧЕҲРА.*

## Хонаи бобом

Қанори анҳор,
Паҳлуи чанор,
Дар паси девор,
Бошад намудор

Хонаи бобом,
Хонаи бобом.

Обаки зулол,
Ҳур-ҳури шамол
Дорад ҳама сол.
Бо дили кашол
Мекунам хаёл

Хонаи бобом,
Хонаи бобом.

Дарвозаи боз,
Дастурхони соз,
Рӯҳои хандон,
Бӯи хуши нон,
Пур-пури меҳмон

Хонаи бобом,
Хонаи бобом.

Чаҳ-чаҳи мурғон,
Суруди чӯпон,
Гулҳои хандон,
Қаймоқи момо,
Боғи дилкушо

Хонаи бобом,
Хонаи бобом.

Қанори анҳор,
Дар паси девор,
Мавҷи сафедор,
Бошад намудор.
Хаёли моро
Мебарад ҳар бор:

Хонаи бобом,
Хонаи бобом.

*С. ГУЛЧЕҲРА.*

## Кӣ омад?

Кӣ омаду кӣ омад,
Хандон зи дар даромад?
Дугонаҷонам омад,
Рахшонаҷонам омад.
Рахшонаи балоча,
Дар рӯи дасташ зоча:
Як зочаи наппа-нав,
Куртааш ранги алав,
Як зочаи мӯдароз,
Як зочаи пури ноз.
Рахшонаҷон, Рахшона.
Рахшонаи ҷонона,
Ба ман бидеҳ зочаро,
Зочаи балочаро.
Дасту рӯяшро шӯем,
Биё, мӯяшро шӯем.
Аз барои ин зоча
Ман холаву ту — оча.

*А. ШАРИФӢ.*

## Ман ба мактаб меравам

Эй зочаи кокулсиёҳ,
Бад-бад накун бар ман нигоҳ!
Донояки ман, гӯш кун,
Ҳафтсола гаштам ман кунун.
Бояд иагоҳ мактаб равам,
Боақлу донотар шавам.
Охир, ҳама дугонаҳо —
Парвини шӯху Дилрабо,
Зебову Гулнору Анор,
Ҳам Гулбаҳори беқарор
Оянд мактаб шодмон,
Ман ҳам равам ҳамроҳашон...
Аз чӣ хамӯшӣ, гап бизан,
Эй зочаи хушрӯи ман?
Бозӣ кунам ҳамроҳи ту?
Вақтам канӣ, охир, бигӯ?

## Исмоилҷон

Исмоилҷон хурдсол аст,
Ҳоло ӯ намехонад,
Вале шеъру ҳикоя
Хеле бисьёр медонад:

Аз Михалков, аз Маршак,
Аз Толису Миршакар,
Аз Толстою Пушкин
Аз Деҳотию Гайдар.

Бо оҳангу мақомаш
Ӯ сурудҳо мехонад.
Аз худаш ҳам мебофад,
Агар ҷое дармонад.

Агар аз ӯ бипурсед:
— Аз кӣ гирифтӣ ёд ту?
— Аз боғчаи бачаҳо,
Ҳам аз модар,— гӯяд ӯ.

*А. ШАРИФӢ.*

## Зочаи ман

Зочаи ман, зочаи ман,
Зочаи доночаи ман.
Зочаи ман, зочаи ман,
Бозӣ бикун, мижа бизан.

Зочаи хушрӯяки ман,
Тозаю хушбӯяки ман.
Қобилу гапдарой ту,
Шавла пазам барои ту.

Шавлая гар бутун хурӣ,
Ба ту диҳам ман чукурӣ...
Чӣ шуд ба ту, ҷонаки ман,
Зочаи пурдонаки ман?

Касал шудӣ, бинам канӣ?
Ҳароратат қариби сӣ!
Куҷоякат касал шудаст?
Овози ту бисьёр паст.

Бигӯ, бигӯ, ки бишнавам,
Барои дору ман равам.
Дарди гулӯ шудӣ магар,
Ки нола дорӣ ин қадар?...

Гирья накун, дору бихӯр,
Бихӯр, бихӯр, шишача пур.
Сиҳат бишав, бозӣ кунем,
Тоқита гулдӯзӣ кунем.

*А. ШАРИФӢ*

## Гурбачаи ман

Ба ман гурбача овард
Дадоям аз магазин,
Ҳама исту бисти вай
Гурбаи зинда барин.

Ӯ мижа ҳам мезанад,
Чашмонаш тезу равшан,
Чашмаша карда ало,
Нигоҳ мекунад ба ман.

Аз ҳеҷ чӣ наметарсад,
Бабр барин мeғуррад,
Агар қаҳраш биёяд,
Шерро зинда мехӯрад!

Рӯзе аз каравотча
Афтида хобаш бурдаст,
Мушаки аҳмақ бошад,
Пои чапашро хӯрдаст...

Дадом рафта аз бозор
Як тои нав меорад,
Он гоҳ гурбачаи ман
Мушакро зуд медорад.

*А. ШАРИФӢ.*

## Мо «Бобо»-ро шинохтем

Бобо Барфию Барфак
Хонаи мо омаданд,
Бобо Барфию Барфак
Бо тӯҳфаҳо омаданд.

Дида арчаи моро
Бобо шоду хандон шуд.
Рақсидему бозидем
Ҳамроҳи Бобои худ.

Риши Бобо ногаҳон
Ба шохи арча часпид,
Оҳистакак гирам гуфт,
Ришаш ба замин афтид.

Мо «Бобо»-ро шинохтем,
Вай шинос мардак будаст,
Бобои барфини мо
Қаравуламак будаст.

## «Не»-ро мошин зад

Олимҷон бачаи нағз,
Лекин як одаташ бад:
Ба вай коре фармоед,
Албатта, «не!» мегӯяд.

— Олимҷон, шӯхӣ накун!
— Не! — мегӯяд дар ҷавоб.
— Вақти боғчаравӣ шуд!
— Не! Намехезам аз хоб!

Аз «не»-гӯии Олим
Қаҳри акояш омад.
— Медонӣ, дирӯз «не»-ро, —
Гуфто,— дар роҳ мошин зад.

Аз ҳамон рӯз Олимҷон
Ҳаргиз «не!» намегӯяд.
Касе «не» гӯяд ба он,
— «Не» мурдагӣ! — мегӯяд.

*А. БОБОҶОН.*

**Акоям паҳлавон аст**

Дар Норак акои ман
Қор мекунад бо кран,
Мебарорад аз замин
Ҳар гуна бори вазнин:
Соруҷу хишту бетон,
Чӯбу тахтаи калон...
Акоям паҳлавон аст,
Паҳлавони замон аст.
Ҳатто ӯ роҳ нагашта,
Дар ҷои худ нишаста,
Баҷо орад дар як дам
Вазифаи сад одам.
Акоям паҳлавон аст,
Паҳлавони замон аст.

*Н. РОЗИҚ.*

## Тай-тай

Тай-тай, по-по, кулча-ҳалво,
Қулча-ҳалво, тай-тай, по-по.
Додари мо калон шудаст,
Додари мо равон шудаст,

Оча ба мо ко-ко диҳед,
Қулча диҳед, ҳалво диҳед.
Танга, додо, ба мо диҳед,
Ба ҳар яке ҷудо диҳед.

Ҳалворо дар киса ниҳем,
Тангаро бар ако диҳем.
Акои мо савғо харад,
Савғо барои мо харад.

Тай-тай, по-по, кулча-ҳалво,
Қулча ҳалво, тай-тай, по-по.
Додари мо калон шудаст,
Ҳамроҳи мо равон шудаст.

*Н. РОЗИҚ.*

## Мӯрча

Мӯрчаи доно
Дона мебарад.
Донаро сӯи
Хона мебарад.
Бигрезад аз роҳ,
Нарас ба дона.
Мӯрчаяк барад
Онро ба хона.

## Телефони чумчуқ

Дар сари симчӯб
Нишаста чумчуқ,
Бо нӯлаш симро
Мезанад тук-тук.
Аз боди сармо
Хунук хӯрдаст ӯ,
Ҳоло телефон
Мекунад ҳар сӯ:
— Чашми ҳама
чор,
Ҳама — интизор!
Биё, зуд биё,
Биё, эй баҳор!

## Мусичаи ланг

Мусичаи рӯи санг,
Нишастай, поят ланг.
Ҷону танат ба дард аст,
Туро кӣ маҷрӯҳ кардаст?
Аз гурба озор дидӣ?
Ё ки аз мор тарсидӣ?
Биё назди тиреза,
Ба ту диҳам нонреза,
Бар поят дору молам —
Асали ору молам.

*Р. ОЗОД.*

**Укоҷони ман**

Модарҷонам аз духтур
Нинӣ харида омад,
Биё, нишон медиҳам,—
Соро ба гап даромад.

Ин зочаамро, Мунир,
Хоҳӣ, худи худат гир.
Ман ба ҷои ин зоча
Мебардорам укоча.

Либосашро мешӯям,
Сонӣ алла мегӯям,
Қори ман чудо бисьёр,
Зоча ҳозир нодаркор.

Укоҷонам Диловар,
Ба ҷони ман баробар.
Хандаҳои вай ширин,
Рӯяш сафед гул барин.

Нишаста рӯ ба рӯяш,
Ту бин ҷингила мӯяш.
Аз ҳамаи зочаҳо
Укоҷони ман зебо!

*ШЕЪРИ ХАЛҚӢ.*

## Навозиши бача

Рустамҷони ҷонона,
Қисаш пури дӯлона,
Дӯлонаша об бурдаст,
Рустамҷона хоб бурдаст.

Аз хобаш хезад, бинед,
Ширинаку баодоб.
Худаш рафта мешӯяд
Дасту рӯяшро бо об.

Балбале-бал, бал довуча,
Қи дорад ҳамту бача?
Барорандаш сари кӯча,
Гӯянд, ки зебо бача!

*Т. МУТАЛЛИБОВ.*

## Ман ва зочаам

Росташро гӯям, ғуш кун:
Панҷсола шудам акнун.
Дар рӯзи таваллудам
Бисьёрҳо хушнудам.

Додом катча овярданд,
Тағом миз ҳадья карданд.
Зочаяке бароям
Тӯҳфа карданд акоям.

Дӯхтанд очаам ба он
Қуртачаи арғувон.
Акнун ба катчаи нав
Зочаи худро даррав

Ғамхорона хобонам,
Суруди «Алла» хонам.
Худам метарсам аммо:
Хобам барад мабодо.

*А. ҚОДИРИ.*

## Ба мактаб

Мутриба хуррам зи ҳад
Ин саҳарӣ аз ҳама
Роҳравон мекунад
Ашӯлае зам-зама:

«Зочаи хушрӯи ман,
Хайр кунун, нағз мон!
Мешавам ин субҳдам
Сӯи дабистон равон.

Боғчаи дилкушо,
Нағз бимонӣ ту ҳам,
Ман ба барат солҳо
Шоду ғазалхон будам.

Аз пасам акнун наё,
Хайбаракам, хона рав!
Ман кунун аз ин пагоҳ
Толибаам, хона дав!»

*А. ҚОДИРӢ.*

## Лола

Зочаяки хешро
Лола басе алла гуфт,
Зочаи гапнодаро
Лек чӣ шуд, ки нахуфт.

Ҳеҷ накардам асар
Аллаи форами ӯ:
— Хоб кун, эй ҷони ман,
Духтараки малламӯ.

Ҳай дилаки Лоларо
Зочаякам об кард,
Зоча нахуфта ҳанӯз,
Лолаи мо хоб кард.

## Гулнор

Лӯхтакчаашро
Шикаста Гулнор,
Гӯяд ба модар:
— Навашро биёр!

Лӯхтаки хубе
Меорад модар.
Мешунавӣ боз
Дар рӯзи дигар:

— Бозичаи ман
Гум шудаст, оча,
Бароям биёр
Ягонта зоча!

Лек зочаамро
Ман, дугоначон,
Бозӣ мекунам
Эҳтиёткунон.

А. ҚОДИРӢ.

**Ту-ту-ту-ту, мурғони ман**

I.

Биёед, мургони ман,
Мурғони чаққоии ман.
Ту-ту-ту-ту-ту-ту-ту
Биёед бар лаби ҷӯ,
Биёед, ба шумоён
Медиҳам ман обу дон.
Шикамҳотон, ки сер шуд,
Ба катак дароед зуд.
Ту-ту-ту-ту-ту-ту-ту

II.

Чун ҳаррӯза, вақти шом
Биравед хоби ором.
Саҳар суруд сароед,
Тухми бисьёр намоед.
То ки очаам хезад,
Тухмбирьёне пазад.
Ту-ту-ту-ту-ту-ту-ту,
Биёед бар лаби ҷӯ.
Ту-ту-ту-ту-ту-ту-ту

## Маҳбуба

Ширу шакар,
Қанду набот,
Маҳбубаи пахмоқмӯ,
Хурду калони хона шод
Аз кори ӯ,
Рафтори ӯ.

Бо модар ӯ,
Ҳам бо падар,
(Чун соати хобаш шавад,
Аз рӯяшон,
Аз мӯяшон,
Бӯсида)
Хайрухушкунон,
Бар ҷои хобаш меравад.

Аз хобакаш хезад агар,
Тозон биёяд пеши дар,
Бар модар ӯ,
Ҳам бар падар,
Бо ҳурмату бо эҳтиром,
Пеш аз ҳама гӯяд: «Салом!»

Ширу шакар,
Қанду набот,
Маҳбубаи пахмоқмӯ,
Хурду калони хона шод
Аз кори ӯ,
Рафтори ӯ.

*У. РАҶАБ.*

## Гулшан

Ҳарчанд Гулшан хурдакак,
Сесолаю семоҳа шуд,
Лекин аҷаб донoякак
Дар байни ҳамсолони худ.

Медонад ӯ «Раҳмат», «Салом»,
Мегӯяд ӯ пурсӣ агар:
— Номи акои ман Низом,
Номи тағои ман Зафар.

Медонад ин, ки ҳар саҳар
Бояд бишӯяд дасту рӯ,
Аз кор агар ояд падар,
Афсона мегӯяд ба ӯ.

Медонад ин, ки хоҳарам
Ӯро тамошо мебарад,
Медонад ин, ки модарам
Милтиқчаи нав мехарад.

Танҳо намедонад чаро
Ӯ хурду дигарҳо калон:
Ӯ меравад бар боғча,
Бар кору мактаб дигарон?

*У. РАҶАБ.*

### Аспи Баҳодур

Аз шохи санҷит,
Соли ангур,
Хӯсида афтид
Аспи Баҳодур.

Тар шуд суми ӯ,
Ёлу думи ӯ,
Баҳодур онро
Дорад шустушӯ.

### Майдача не ман

Дигар майдача не ман,
Ман духтари калонам,
Ёрӣ медиҳам акнун
Худам ба очаҷонам

Акнун худам чоямро
Мерезаму менӯшам.
Ҷӯробу пальтоямро
Акнун худам мепӯшам.

Худам медӯзам акнун
Тоқиву эзори нав,
Ба хирсаку ба маймун,
Ба зочаяки якрав.

Рӯмолу куртаашро
Ман шуста метавонам...
Дигар майдача не ман,
Ман духтари калонам.

*У. РАҶАБ.*

## Ароба

Динаяк дусола шуд
Аробаи Вафоҷон.
Аммо намепартоянд
Вафоҷон «кӯҳна» гӯён.

Аробааш ҳоло нав,
Нағзакак роҳ меравад.
Агар онро ранг кунад,
Боз ҳам зебо мешавад.

Аробачаи худро
Вафоҷон дӯст медорад.
Бо он ба баррачааш
Баргу алаф меорад.

## Мошин

I.

Аз ҳама чиз бар Самад
Мошинаи ӯ азиз,
Чунки дар он меорад
Ба хона ҳар гуна чиз.

II.

Мошинаи Самадҷон
Дар борбардорӣ усто:
Ба хубӣ мебардорад
Белчаву сатилчаро.

## Чевар

1.

Гурбачаи Самадҷон
Ҷудо ҳам зӯру чаққон.
Аз ҳайбати гурбача
Ҳатто наметарсад он.

2.

Бе рухсати Самадҷон
Намеҷунбад зи ҷояш.
Чизе, ки дар хона аст,
Азиз бувад барояш.

3.

Ба гурбачаш Самадҷон
Меҳрубонӣ мекунад,
Чунки бозичаҳоро
Нигаҳбонӣ мекунад.

*У. РАҶАБ.*

## Гунҷишкак

1.

Гунҷишкаке ҳадья кард
Акояш бар Санавбар.
Гунҷишкаки алояк —
Зебою хушболу пар.

2.

Бо гунҷишкчааш акнун
Рӯзи тамом дар хона
Бозиҳо менамояд
Санавбарҷон шодона.

3.

Даст расонад гунҷишкак,
— Чик-чик карда мехонад.
Лек ин садо аз кучо
Санавбар намедонад.

*У. РАҶАБ.*

## Кабӯтари ман

*Нақарот:*

Болу парат кушо, биё,
Қабӯтари ман,
Нишин ба тори боми мо,
Қабӯтари ман.

I.

Биё, ки сила мекунам
Болу паратро,
Биё, биё, ки мебарам,
Туро ба ҳар ҷо.

*Нақарот:*

II.

Биё, биё, ки медиҳам
Дона бароят,
Биё, биё, ки кардаам
Лона бароят.

*Нақарот:*

*У. РАҶАБ.*

**Баррача**

Баррачеки маст,
Ба боғ омад.
Аз бомаки паст
Ҷаста фаромад.

Бидид маҳкам
Чор тарафро,
Гуфт: — Мехӯрам
Хуб алафро.

Абри баҳорон,
Ки бохабар буд,
Бирехт борон,
Баррача тар шуд.

*Н. БАҚОЗОДА.*

**Ҷонона**

Номи ӯчаам — оча,
Боз як номаш — ҷонона.
Номи дадаам — Дада,
Боз як номаш — ҷонона.
Охир, чӣ даркор ба вай
Ин номи духтарона?
Ту медонӣ, дугона,
Номи ман ҳам — Ҷонона.
Ҳамин хел, дар як хона
Мо се касем — Ҷонона.
Чаро ин хел, медонӣ?
Дар вақтиноммонӣ
Буд дар бозору дӯкон
Номи «Ҷонона» арзон.

### Чароғаки раҳнамо

Шаҳри калон — шаҳри мо,
Пури мошин — кӯчаҳо.

Чӣ хел карда гузарем
Аз чорраҳа, бачаҳо?

Раҳ нишон диҳад ба мо
Чароғаки раҳнамо:

Сурхаш мегӯяд: исто,
Гузарад мошинаҳо!

Зардаш мегӯяд: даррав
Ба гузаштан тайёр шав!

Сабзаш даргирад агар,
Марҳамат, акнун гузар!

*И. МУҚАДДАС.*

**Момои ман**

Ман ҳам, ҷӯраҳо,
Чун шумо дорам
Маҳбуб момо,
Ӯ ҷони одам.

Дар пухту паз ӯ
Бемислу монанд,
Ҳар як таомаш
Ширинтар аз қанд.

Афсона бисьёр
Медонад аз ёд,
Аз суҳбати ӯ
Қас мешавад шод.

Дидан бихоҳед
Шумо ҳам ӯро,
Марҳамат оед
Ба хонаи мо.

Наздаш нишаста
Ҳарфаш шунида,
Хӯроки ӯро
Боре чашида, —

Ба гуфтаҳоям
Бовар намоед.
Ба хонаи мо
Албатта оед.

*И. МУҚАДДАС.*

## Боғчаи мо

Ҳар пагоҳ оем
Хандону хушнуд
Моён — бачаҳо
Ба боғчаи худ.

Мо дӯст дорем
Боғчаи худро
Монанди он нест
Дар рӯи дуньё.

Боғчаро тоза
Нигоҳ медорем,
Рӯи ҳавлиаш
Гулҳо мекорем.

Мо дӯст дорем
Боғчаи худро,
Монанди он нест
Дар рӯи дуньё.

Дар боғча доим
Мо шодмонем,
Рақсему бозем,
Тарона хонем.

Мо дӯст дорем,
Боғчаи худро
Монанди он нест,
Дар рӯи дуньё.

*И. МУҚАДДАС.*

## Ду модари Фирӯза

Фирӯзаҷони моро,
Гули хандони моро
Гӯяд ҳама балоча,
Балочаи доноча.
Гапҳои пухта гӯяд,
Ба ҳар дил роҳ ҷӯяд...

Дирӯз ман пурсидам:
Барои ӯ дар олам
Ки аз ҳама азизтар!
Гуфто, ки ҳар ду модар.
Чун ин гапаш шунидам,
Ҳайрон шуда пурсидам:
— Ҷони амак, ту оё
Дорӣ ду модар?
Гуфто:
— Ҳа, ман дорам ду модар,
Яке дар хона, дигар —
Дар боғчаи бачагон,
Мураббия номи он.

*И. МУКАДДАС.*

**Тоҷикистони мо**

Дар ҷаҳон бешумор
Шаҳру деҳ, сарзамин,
Лек якто бувад
Қишвари гул барин

Тоҷикистони мо!
Тоҷикистони мо!

Дорад оби чу қанд,
Кӯҳҳои баланд,
Рӯдҳои бузург,
Мардуми сарбаланд

Тоҷикистони мо!
Тоҷикистони мо!

Гашта бо халқи худ
Дар ҷаҳон номдор,
Гашта бо кори худ
Боиси ифтихор

Тоҷикистони мо!
Тоҷикистони мо!

# МУНДАРИЧА

Ба ҷои муқаддима . . . . . . . . . . . . 2

**Ватани маҳбуб ва табиати он**

М. Миршакар.

Ватанам СССР . . . . . . . . . . . . . 5
Ватан . . . . . . . . . . . . . . . 6
Ҷон Тоҷикистон . . . . . . . . . . . . 7
Зимистон . . . . . . . . . . . . . . 8
Киштичаи ман . . . . . . . . . . . . 9
Гули лола . . . . . . . . . . . . . 10

Ҳ. Мавҷуда

Боғчаи мо . . . . . . . . . . . . . 10

И. Муқаддас

Баҳор . . . . . . . . . . . . . . 11

М. Диёрӣ

Гулдаста . . . . . . . . . . . . . 12

Шеъри халқӣ

Бойчечак . . . . . . . . . . . . . 13

А. Қодирӣ

Шамол ва олу . . . . . . . . . . . . 14

Н. Розиқ

Гули қандак . . . . . . . . . . . . 15

М. Ҳайдаршо

Арчаи Анвар . . . . . . . . . . . . 16

**Дӯстони ман**

Р. Озод

Дӯстони ман . . . . . . . . . . . . 18

А. Деҳотӣ

Мурғаки шилшилапо . . . . . . . . . . 19

Б. Раҳимзода

Духтарак ва падараш . . . . . . . . . 20

А. Шукуҳӣ

Мургобии ман . . . . . . . . . . . . 21

М. Миршакар.

Рост мегӯям . . . . . . . . . . . . 22
Лочин . . . . . . . . . . . . . . 23

А. Шукуҳӣ

Завракчаи мо . . . . . . . . . . . 24
Бибиҷони ман . . . . . . . . . . . 25
Аз нӯги ҳамир фатир . . . . . . . . . 26

С. Гулчеҳра

Алла гӯяд модарам . . . . . . . . . 27
Хонаи Бобом . . . . . . . . . . . 28
Кӣ омад? . . . . . . . . . . . . . 30

А. Шарифӣ

Ман ба мактаб меравам . . . . . . . . 31
Исмоилҷон . . . . . . . . . . . . 32
Зочаи ман . . . . . . . . . . . . 33
Гурбачаи ман . . . . . . . . . . . 34
Мо «Бобо»-ро шинохтем . . . . . . . . 35

Ҳ. Мавҷуда

«Не»-ро мошин зад . . . . . . . . . . 36

Алӣ Furthermore Бобоҷон

Акоям паҳлавон аст . . . . . . . . . 37

Н. Розиқ

Тай-тай . . . . . . . . . . . . . 38
Мурча . . . . . . . . . . . . . . 39
Телефони чумчуқ . . . . . . . . . . 39
Мусичаи ланг . . . . . . . . . . . 40

Р. Озод

Укоҷони ман . . . . . . . . . . . 41

Шеъри халқӣ

Навозиши бача . . . . . . . . . . . 42

Т. Муталлибов

Ман ва зочаам . . . . . . . . . . . 43

А. Қодирӣ

Ба мактаб . . . . . . . . . . . . . . . . . 44
Лола . . . . . . . . . . . . . . . . . 45
Гулнор . . . . . . . . . . . . . . . . . 46
Ту-ту-ту-ту, мурғони ман . . . . . . . . . . 47

У. Раҷаб

Маҳбуба . . . . . . . . . . . . . . . . . 48
Гулшан . . . . . . . . . . . . . . . . . 49
Аспи баҳодур . . . . . . . . . . . . . . 50
Майдача не ман . . . . . . . . . . . . . 50
Ароба . . . . . . . . . . . . . . . . . 51
Мошин . . . . . . . . . . . . . . . . . 51
Чевар . . . . . . . . . . . . . . . . . 52
Гунҷишкак . . . . . . . . . . . . . . . 53
Қабутари ман . . . . . . . . . . . . . . 54
Баррача . . . . . . . . . . . . . . . . 55

Н. Бақозода

Ҷонона . . . . . . . . . . . . . . . . . 56
Чароғаки раҳнамо . . . . . . . . . . . . 57

И. Муқаддас

Момои ман . . . . . . . . . . . . . . . 58
Боғчаи мо . . . . . . . . . . . . . . . 59
Ду модари Фирӯза . . . . . . . . . . . . 60
Тоҷикистони мо . . . . . . . . . . . . . 61

*Сайвали Рахмонов*

**ДОБРОЕ СЛОВО**

(на таджикском языке)

Муҳаррир М. Наимов
Муҳаррири ороиш Г. Шаркунова
Мусаҳҳеҳ Г. Ӯзбеков

Ба матбаа 7/III-1973 супорида шуд. Ба чопаш 29/XI-1973 имзо карда шуд.
Қоғази № 1 Формати 84×108¹/₃₂. Ҷузъи чопи 2 (3,36). Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,25.
Супориши 1361. Адади нашр 2000. Нархаш 9 тин

Нашриёти «Ирфон». Душанбе, Шевченко, 10.

Душанбе, Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб

0-50 15247

~~9 тин~~ 0-18

НАШРИЁТИ «ИРФОН»